# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-061 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав оид ба диссертатсияи номзадии Раҳимзода Қурбоналӣ Назар дар мавзуи “Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII” барон дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 - Таърихи илм ва техника**

Дар асоси қарори Шурои диссертатсионӣ аз 16.05.2023 барои рисолаи диссертатсионии Раҳимзода Қурбоналӣ Назар аъзои комиссияи ташхис дар ҳайати 3 нафар мутахассисони соҳаи рисолаи ҳимояшаванда аз шахсони зерин интихоб карда шуданд:

1. **Сатторов Абдурасул Эшбекович** - узви шуро, доктори илмҳои педагогӣ, профессор (13.00.02 - Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика) - раиси комиссия;

2. **Ҳасанов Дустмурод Раҷабмуродович** - номзади илмҳои таърих (07.00.10 - Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) - аъзои комиссия;

3. **Мақсадов Ҳабибулло Исматович** — номзади илмҳои таърих (07.00.10 - Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) - аъзои комиссия.

Мавзуи кори диссертатсионии Раҳимзода Қ.Н. аҳамияти муҳими илмӣ дошта, бо он асоснок мегардад, ки омӯзиши ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои миёна умуман, аз он ҷумла дар асрҳои XI-XII камтаҳқиқ ва дар баъзе маврид таҳқиқнаёфта ба ҳисоб рафта, дар раванди таълим ва таълифи таърихи тамаддуни халқи тоҷик нақши муҳим мебозад.

Ба ақидаи унвонҷӯй, аҷдоди тоҷикон дар радифи дигар халқҳои соҳибтамаддун ихтироъкор ва саҳмгузори пешрафти илмҳои риёзиву табиатшиносӣ ва яке аз поягузорони илмҳои риёзиёт (математика), тиб, муҳандисӣ ва ғайра низ мебошанд.

Дар ҳақиқат, маҳз тавассути осори гаронбаҳои ниёгони асримиёнагии тоҷикон дар асрҳои IX-X илму фарҳанг рушди чашмгиреро соҳиб гардид, ки асрҳои XI-XII-ро метавон идомаи давраи гулгулшукуфӣ ва ё эҳё номид, ки дар таълифоти баъзе донишмандон бо номҳои “Эҳёи мусулмонӣ”, “Эҳёи эронӣ-мусулмонӣ”, “Эҳёи Аҷам” ва ғайра собит шудааст.

Ҳадафи асосии таҳқиқот таҳлилу баррасии илмӣ ва ҳамаҷонибаи вазъи шохаҳои гуногуни илми тоҷик дар асрҳои XI-XII мебошад.

Барои амалӣ гардидани мақсади асосии таҳқиқоташ диссертант вазифаҳои зеринро ба миён гузошта, дар иҷрои он пурра муваффақ гардидааст:

- Таҳлили раванди рушди илмҳои гуногун;
- Мавриди пажӯҳиш қарор додани ниҳодҳои илмӣ;
- Баррасии саҳми олимон дар такомули улуми дақиқ ва табиатшиносӣ;
- Равшанӣ андохтан ба нақши олимон дар такомули улуми ҷомеашиносӣ;
- Ба гардиши илмӣ ворид намудани бархе аз осори чопнашудаи донишмандон;
- Бо далелҳои муътамад исбот намудани саҳми донишмандони тоҷик дар пешрафти илми ҷаҳонӣ;
- Нишон додани таъсири осори донишмандони тоҷик ба эҷодиёти донишмандони Ғарб.

Унвонҷӯй дар раванди таҳқиқот ба чунин навгониҳои илмӣ ноил гардидааст:

- бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки дар боби ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII таҳқиқоти маҷмуӣ махсуб меёбад;
- асарҳои дорои аҳамияти муҳими илми олимони соҳаи илмҳои риёзӣ ва табиатшиносӣ таҳлил шудаанд;
- муҳимтарин асарҳои донишмандони соҳаи илмҳои ҷамъиятшиносии асрҳои XI-XII мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд;
- бархе аз асарҳои чопнашудаи донишмандони ин давра ба гардиши илмӣ ворид карда шуданд;
- ба корҳои илмии анҷомдодаи муҳаққиқони ватаниву хориҷие, ки ба мавзуи таҳқиқшаванда марбутанд, баҳои илмӣ дода шудааст.

Муҳаққиқ вазъи илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқро аз мавқеи тахассуси таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) ҳамчун мутахассиси босалоҳият мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар асоси мутолиаи диссертатсия ва автореферати муаллиф ба хулоса омадан мумкин аст, ки ӯ ҳамчун мутахассиси соҳаи таърихи илм худро нишон дода тавонистааст, ки аз рӯйи корҳои нашршудаш возеҳ аст.

Диссертатсия бо талаботи бандҳои 51-56-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи илмӣ дода мешаванд, мувофиқат мекунад.

Комиссияи ташхисӣ таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимзода Қурбоналӣ Назарро ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор дода, он кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланд ба анҷом расидааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзуи рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд. Дар интишороти диссертант натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф пурра инъикос ёфтаанд.

Саҳми шахсии унвонҷӯй дар омӯзиш ва таҳлилу баррасии осори илмии ниёгони тоҷикон дар асрҳои XI-XII назаррас буда, натиҷаҳои ҳосилшуда, ки

дар хулосаҳои ҷамъбастии диссертатсия ифода ёфтаанд, ҳаллу фасли доираи масъалаҳои онро собит месозанд.

Автореферат дар мутобиқат бо мантиқи таҳқиқ таҳия гардида, муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамояд. Натиҷаҳои илмие, ки унвонҷӯй ба даст овардааст, ба ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) мувофиқанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимзода Қурбоналӣ Назар истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarda шудаанд.

Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Раҳимзода Қурбоналӣ Назар маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯй бачопрасонидашуда, мавҷуд намебошанд.

Комиссияи ташхисӣ тибқи банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 июли соли 2022, таҳти №201/шд тасдиқ гардидааст, ба ҳисоб гирифта, пешниҳод менамояд:

Диссертатсияи Раҳимзода Қурбоналӣ Назар дар мавзуи **“Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих), ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-061 дар назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” амалкунанда барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- **Қурбонов Баҳром Раҳмонович**, доктори илмҳои таърих, профессор, ноиби ректори Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа оид ба илм ва инноватсия;

- **Раҳимова Шаҳноза Каримовна**, номзади илмҳои таърих, сардори Раёсати илм ва инноватсияи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон.

Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ** таъйин карда шавад.

Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сатторов А. Э.

Аъзоёни комиссия:
номзади илмҳои таърих Ҳасанов Д. Р.

номзади илмҳои таърих Мақсадов Ҳ. И.

Имзоҳои Сатторов А.Э., Ҳасанов Д.Р.,
Мақсадов Ҳ.И,-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ МДТ ДДБ ба номи
Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.